**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Моҳираи Раҳмон дар мавзӯи “Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 –Назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ)**

Дар раванди босуръати рушди илм ва техника талабот ба мутахассисони соҳибкасбу босалоҳият, донандагони соҳаи худ хеле афзудааст. Асоси илму дониш, хусусан донишҳои риёзӣ дар давраи омӯзиши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гузошта мешавад. Омода намудани мутахассисони баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи муосир аз муассисаҳои таълимӣ тақозо менамояд, ки роҳу усулҳои гуногунро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим мусоидат мекунанд, роҳандозӣ намоянд.

Дар ҳаёти ҳамарӯзаи инсон проблемаҳое пеш меоянд, ки на танҳо ҳалли ягона, балки вариантҳои гуногуни ҳалро доро мебошанд. Барои он, ки ҳалли беҳтарин интихоб карда шавад, зарур аст, ки ҳамаи онҳоро муоина намоем, ё ақаллан миқдори ҳалҳоро ҳисоб намоем.

Муаллиф дар рисола дуруст қайд менамояд, ки масъалаҳое, ки дар онҳо сухан дар бораи ин ё он комбинатсияи объектҳо меравад, масъалаҳои комбинаторӣ номида мешаванд. Комбинаторика, ба андешаи ӯ, яке аз шохаҳои қадимтарини математика ба шумор меравад, ки дар асрҳои гуногун ва имрӯз ҳам, олимон ва муҳаққиқон ба омӯзиши он шуғл меварзанд. Муаллиф ба маврид қайд менамояд. ки яке аз масъалаҳои таълими математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумѝ ин инкишоф додани маҳорати ҳал намудани масъалаҳои комбинаторӣ, вобастагии онҳо бо фаъолияти ҳамарӯза мебошад.

Аз ин лиҳоз, мавзӯи “Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки аз тарафи диссертант Моҳираи Раҳмон барои таҳқиқи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ интихоб шудааст, ба масъалаи хеле саривақтӣ ва муҳими илмҳои педагогӣ маҳсуб меёбад.

Таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020–2040) ва мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва экспериментали хеле мутобиқ ва созгор мебошад.

Аз ин нуқтаи назар, муаммои таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии Моҳираи Раҳмон масъалаи ҳалталаб ва аз диди муносибати босалоҳият дар таълим мубрам ва замонавӣ мебошад.

Таҳлили матни диссертатсия ва автореферат гувоҳ медиҳад, ки мақсад ва вазифаҳои тадқиқот иҷро ва фарзияҳои илмӣ тасдиқ гардидаанд. Натиҷаи тадқиқоти мазкур олимону муҳаққиқони соҳаи педагогикаро водор мекунад, ки вобаста ба дигаргуниҳо ва талаботи низоми муосири маорифи мамалакат ба масъалаҳои баланд кардани донишҳои математикии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муносибати наву арзишмандро роҳандозӣ намоянд.

Бо назардошти нақши назаррас ва моҳияти муҳими муаммои таҳқиқшаванда муаллиф дар рисола дуруст қайд мекунад, ки таҳлил, таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи инкишоф додани маҳорати ҳал намудани масъалаҳои комбинаторӣ ва ташаккули тафаккури мантиқии онҳо яке аз вазифаҳои умдаи илмӣ-таҳқиқотие мебошад, ки ба муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, алалхусус, ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ рабт дорад.

Ба таври умум, дар таҳқиқот унвонҷӯ дар асоси таҳлили теъдоди васеи адабиётҳои педагогию психологӣ доир ба асосҳои методологӣ ва назариявии ташаккули малакаву қобилият ва маҳорати ҳал намудани масъалаҳои комбинаторӣ аз тарафи хонандагон тибқи дидгоҳи муосири илмӣ имкон пайдо кардааст, то ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шароитҳои ин равандро ҳамчун масъалаи мубрами педагогии даври имрӯза муайян кунад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз тарафи диссертант Моҳираи Раҳмон оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва амалӣ гузаронида шудааст.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Аз ҷиҳати моҳият ва мазмун диссертатсияи Моҳираи Раҳмон ба шиносномаи ихтисоси 13.00.02 –Назария ва методикаи таълиму тарбия

(таҳсилоти миёнаи умумӣ) (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ) мувофиқ аст.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Моҳираи Раҳмон таҳти унвони "Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ"- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Моҳираи Раҳмон ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 –Назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ) шоиста аст.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
директори Институти илмӣ-тадқиқотии
илмҳои педагогӣ назди
МДТ "ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров" Шаропов Шавкат Аҳмадович

*Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ менамоям:*
*Сардори РК ва КМ МДТ*
*"ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров"* *Наврӯзов Э.М.*

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Моҳираи Раҳмон дар мавзӯи "Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 –Назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ) пешниҳод шудааст.**

Таълими математика дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ яке аз ҷузъхои муҳими воситаҳо, пеш аз ҳама, ҳамчун воситаи асосии азхудкунии мафҳумҳои риёзӣ ба шумор рафта, ба рушди тафаккури математикӣ ва фаъолияти эҷодии хонандагон, малакаҳои истифодаи донишҳои назариявии онҳо дар амалия ва фанҳои табиӣ мусоидат мекунад.

Дар ҳаёти ҳамарӯзаи инсон проблемаҳое пеш меоянд, ки на танҳо ҳалли ягона балки вариантҳои гуногуни ҳалро доро мебошанд. Барои он, ки ҳалли беҳтарин интихоб карда шавад, зарур аст, ки ҳамаи онҳоро муоина намоем, ё ақаллан миқдори ҳалҳоро ҳисоб намоем.

Автореферати диссертатсияи Моҳираи Раҳмон "Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ" барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод кардааст, мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ шудааст.

Аз ин нуқтаи назар, проблемаи таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи ҳалталаб ва аз диди муносибати босалоҳият дар таълим мубрам ва замонавӣ мебошад.

Дар муқаддимаи автореферат моҳият ва муҳимияти мавзӯъ асоснок шуда, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян гардидааст.

Ҳамчунин, асосҳои назариявию методии таҳқиқ, арзиши илмиву амалии дисертатсия мушаххасан ташреҳ шудааст.

Натиҷаҳои асосӣ дар мақолаҳои маҷаллаҳои тақризшавандаи КАО –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия нашр шуда ва дар маводҳои конфренсияҳои илмӣ дарҷ ёфта, баҳои мусбат гирифтаанд, инъикос ёфтаанд. Таҳлили матни диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки вазифаҳои татқиқоти иҷро ва фарзияҳои илмӣ тасдиқ гардидаанд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Моҳираи Раҳмон “Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ” барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод кардааст, мазмуни асосӣ ва мухтасари рисоларо бо назардошти омилҳои сохториву мундариҷавӣ дар бар гирифта, доир ба мавзӯи тадқиқот маълумоти дақиқи илмиро фаро гирифтааст. Таври масъалагузорӣ, таҳлил ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи маводи фаровон марбут ба мавзӯъ, мисолу масъалаҳои мушаххас ва музокираронихои илмиву мантиқӣ шакл гирифтааст, хулосаи ниҳоӣ муҳтавои умумии диссертатсияро ифода мекунад.

Бо баробари таҳлилу баррасии ҷабҳаҳои арзишманди диссертатсия ва автореферат, баъзе мулоҳизоти хешро пешниҳоди баён мекунам. Ба фикри ман хуб мешуд, ки таҷрибаи эксперементалӣ

дар дигар муассисаҳои кишварамон гузаронида шавад, арзиши диссертатсия боз баланд мегардид.

Норасогии дар боло зикршуда арзиши илмии кори диссертатсионии Моҳираи Раҳмонро паст намекунад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Моҳираи Раҳмон дар мавзӯи “Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 –Назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ кори илмӣ - татқиқотии ба анҷом расида буда, он ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи математикаи олӣ
ва физикаи ДПДТТ ба номи ак. М.С. Осимӣ Раҳимов А.А.

Суроға:
Вилояти Суғд, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 226
Тел: +992(927212607)
E - mail: amon_rahimov@mail.ru

Имзои Раҳимов А.А.-ро
тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳои ДПДТТХ
ба номи академик М.С. Осимӣ Ёқубова М.А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО

## Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Моҳираи Раҳмон дар мавзӯи “Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси - 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ)**

Комбинаторика, ки яке аз шохаҳои математика ба шумор меравад, дар асри XVI пайдо шуда, бо таҳқиқи назариявии масъалаҳои он олимони Фаронса Б.Паскал ва П. Ферма машғул шудаанд. Дар замони имрӯза методҳои комбинаторика дар ҳалли масъалаҳои гуногуни математикаи дискретӣ истифода бурда мешавад. Донистани элементҳои комбинаторика барои талабагон хеле зарур аст.

Рисолаи диссертатсионии Моҳираи Раҳмон “Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, мубрам ва замонавӣ аст.

Шиносоӣ ва таҳлили автореферати диссертатсия нишон дод, ки он мувофиқи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст.

Дар қисми “Муҳтавои асосии диссертатсия” маълумоти мухтасар доир ба муқаддимаи диссертатсия оварда шуда, таркиби бобҳои диссертатсия ва мазмуну муҳтавои онҳо ба таври муфассал баён гардидаанд.

Дар автореферат салоҳиятҳои комбинатории хатмкунандагони синфи 11 нишон дода шуда, натиҷаҳои омории санҷишҳои назоратӣ дар шакли ҷадвалу диаграммаҳои рангаю зебо оварда шудаанд, ки онҳо аз сифати баланди таҳқиқоти илмии унвонҷӯ дарак медиҳад.

Натиҷаҳои асосӣ дар мақолаҳои нашрияҳои тақризшавандаи КАО –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия нашр шуда ва дар маводҳои конфренсияҳои илмӣ дарҷ ёфта, баҳои мусбат гирифтаанд, инъикос ёфтаанд.

Автореферати диссертатсияи Моҳираи Раҳмон “Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ки барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод кардааст, мазмуни асосӣ ва мухтасари рисоларо бо назардошти омилҳои сохториву мундариҷавӣ дар бар гирифта, доир ба мавзӯи тадқиқот маълумоти дақиқи илмиро фаро гирифтааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Моҳираи Раҳмон дар мавзӯи “Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмхои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 –Назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ) кори илмӣ-татқиқотии баанҷомрасида буда, он ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аст.

Доктори илмҳои физика-математика, профессор,
профессори кафедраи фанҳои
риёзӣ-табиатшиносии муосири
ДДҲБСТ Байзоев С.

Имзои Байзоев С.-ро
тасдиқ мекунам.
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.

**Тақриз**

**ба фишурдаи рисолаи диссертатсионии Мохираи Раҳмон дар мавзӯи “Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 –Назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ)**

Зинаи кунунии табаддулотҳои дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон баамаломада масъалаҳои сифатан нав доир ба ташкили мазмун ва методҳои таълими фанҳои омӯхташавандаро пеш мегузорад, ки хонандагон дар фаъолияти амалии худ аз онҳо васеъ истифода бурда тавонанд.

Яке аз масъалаҳои таълими математикаи муассисаи таҳсилоти миёна ин инкишоф додани маҳорати ҳал намудани масъалаҳои комбинаторӣ, вобастагии онхо бо фаъолияти ҳамарӯза мебошад. Аз ин ҷо мавзӯи “Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ” диссертант Моҳираи Раҳмон барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод кардааст, мубрам арзёбӣ шудааст.

Дар мукаддима моҳият ва муҳимияти мавзӯъ асоснок, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ ва ҳадафу вазифаҳои таҳкикот муайян гардидааст. Ҳамчунин, асосҳои назариявию методии таҳқиқ, арзиши илмиву амалии дисертатсия мушаххасан ташреҳ шудааст.

Максади таҳқикот ин таъмини методии омӯзиши элементҳои комбинаторика дар муассисаи тахсилоти миёнаи умумӣ, дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим.

Таҳкикоти анҷомёфта ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва эксперименталӣ, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтаанд, хеле созгор мебошанд. Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аз пешкаш намудани тарзҳои самаранокии ташаккул ва такмилдиҳии фаъолнокии омӯзандагон ва омӯзгорон, ҳангоми азхудкунии мавзӯъҳои дарсӣ, бо истифода аз методикаи технологияи таълими инноватсионӣ иборат аст, ки солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардидааст, босамар истифода бурдан мумкин аст.

Аз ин нуктаи назар, проблемаи таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи ҳалталаб ва аз диди муносибати босалоҳият дар таълим мубрам ва замонавӣ мебошад.

Таҳлили матни диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки вазифаҳои таткиқоти иҷро ва фарзияҳои илмӣ тасдиқ гардидаанд. Натиҷаи таткиқоти мазкур олимону муҳаккиқони соҳаи педагогикаро водор мекунад, ки вобаста ба дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию маънавии ҷомеа ба масъалаҳои тарбияи ахлоқии кӯдакону наврасони ояндасозӣ ҷомеа муносибати наву арзишмандро роҳандозӣ намояд.

Фишурдаи рисолаи диссертатсионии Моҳираи Раҳмон дар мавзӯи "Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 –Назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ) кори илмӣ - таткиқотии баанҷомрасида буда, он ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи технологияи
информатсионӣ ва иқтисодиёти
ДИДТТ дар шаҳри Хуҷанд Эгамов Худойбердӣ

Имзои Эгамов Х.Э.-ро
тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳои
ДИДТТ дар шаҳри Хуҷанд Қориева Фотима

ШУЪБАИ КАДРҲО